«Т А С Д И Қ  М Е К У Н А М»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
д.и.т., профессор
_____________ Назарзода Х.Х.
«23» ______01______соли 2023

# Т А Қ Р И З И

**Муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ - «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». бахшида шуда, мухтавои он ба ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди мушкилоти илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, бо мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия аз қобилият ва таҷрибаи фаъолияти меҳнатӣ ва илмию омӯзгории Шарифзода Ш.М., шаҳодат медиҳад.

Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо, дар конференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда, дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқӣ – пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва омилҳои ба он мусоидаткунанда ироа гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия;** Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Нақшаи диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ иборат буда, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва замиммаҳоро дар бар гирифтааст, ки онҳо ба мақсад, мантиқ ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат мекунанд. Дар маҷмуъ диссертатсия 227 саҳифа иборат мебошад.

Муаллиф дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва амалии муқовимат бо коррупсия»-ро ҷой додааст, ки он аз се зербоб иборат мебошад.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Сабаб, шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ ва масоили пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ» ном дошта, се зербобро дар бар гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд;** Натиҷаҳои илмии аз он бадастомада, метавонанд дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ба хусус дар самти пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

Диссертатсия таҳқиқоти комил ва хотимаёфтаи илмӣ буда, мазмуни ягона дорад ва он вобаста ба ҷанбаҳои мухталифи назариявию амалӣ дар шакли мукаммал таҳия гардидааст. Аз натиҷаи таҳлили матни диссертатсия дида мешавад, ки дар он ақидаҳои мухталифи илмӣ-назариявии олимони соҳа оварда шудаанд ва ҳамзамон онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аз аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот бармеояд, ки натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ, пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия равона гардидааст. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия ифода ёфта, натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмуи воситаҳои қонунии муқовимат ба коррупсия барои таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина гузоштааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти муаллиф метавонанд, дар самти такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия, дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифи ҷиноятҳои мазкур, зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1. Бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ва салоҳияти шахсони мансабдори давлатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда дар самти муқовимат бо коррупсия мушаххас ва мукаммал гардонида шаванд.

2. Дар қонунҳои амалкунандаи зиддикоррупсионӣ стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ, талаботи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР), созишномаҳо ва иқдомҳои минтақавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ташкилоти Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул ва Созмони ҳамкории иқтисодӣ пешбинишуда ҷорӣ карда шаванд.

3. Зарур аст, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», ки масъалаи мазкурро ба танзим медароранд, иловаҳо ва тағйиротҳо ворид карда шаванд. Зеро дар айни замон, қонунҳои дар боло зикршуда танзими ҳуқуқии марбут ба чораҳои назоратро нисбат ба ҳама гуна амалиётҳои суратҳисоби бонкӣ таҳия накардаанд. Сарфи назар аз аҳамияти сирри бонкӣ, ҳангоми парвандаи ҷиноятӣ дар робита бо ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, дар чаҳорчӯбаи низоми ҳуқуқии дохилии худ механизмҳои муносиб барои бартараф кардани монеаҳое, ки дар натиҷаи татбиқи қонун дар бораи сирри бонк ба миён омада метавонанд, таъмин намояд (саҳ.106).

Дар ин қисмат, метавон хулоса намуд, ки таҳқиқбаранда дар ҳалли масъалаҳои илмии вобаста ба асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия,

ки ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ равона шудааст, муваффақ гардида, нуқтаҳои илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд,

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар Тоҷикистон кори илмии мазкур аввалин пажуҳиши хусусияти монографӣ дошта доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки оид ба он муаллиф яке аз нахустинҳо шуда, таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил пешбинӣ менамояд.

Навгонии илми корри илмӣ онро тақозо менамояд, ки он дар партави дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба амал омадаанд, таҳия гардидааст. Дар сатҳи диссертатсияи номзадӣ ҳаллу фасл намудани мушкилиҳои зиёде, ки аз ҷониби дигарон мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст, бо пешниҳоди хулосаю тавсияҳои судманд баррасӣ гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мушкилот ба таври амиқ баррасӣ карда нашуда, он дар сатҳи нашр ва таҳлили мухтасар дар қонуни соҳавӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Мутаносибан бо ин, дар кори таҳқиқотии мазкур бори аввал таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон бо қонунгузории дахлдори давлатҳои аъзои ИДМ бо назардошти тағйирот дар қонунгузории соҳавӣ ва ҷиноятӣ гузаронида шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:** Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда таъмин карда шудаанд. Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Пешниҳод, тавсия ва хулосаҳои дар диссертатсия дарҷгардида, ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ, соҳавӣ ва дигар санадҳои дахлдори амалкунанда равона шуда, омузиши ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалиро дар самти пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Бо мақсади исботи гуфтаҳои боло метавон

ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмӣ ба мақсад мувофиқ мебошад:

Дар пешниҳоди 10 -уми қисми хулосаи диссертатсия муаллиф сабаб ва шароити содир гардидани ҷиноятҳои коррупсиониро дар шароити кунунии кишвар аз тафриқаи зиёди иҷтимоии аҳолӣ аз рӯйи дараҷаи таъмини моддӣ; беҷазоӣ ё татбиқи ҷазои нисбатан сабук барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта; рушди иқтисоди сояафкан, ҷинояткории муташаккилона дар самти ин соҳа; анъанаҳои коррупсионӣ, интихоб, ҷойгиркунӣ ва тарбияи номатлуби мансабдорон, назорати пасти давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо, ҷой надоштани маҳдудиятҳои махсус ва мушаххасгардида барои хизматчиёни давлатӣ дар соҳаи муайяни фаъолият (идораи амволи давлатӣ, андоз, муносибатҳои гумрукӣ, прокуратура, суд, коррупсия ва ғ.) яке аз сабабҳои асосии рушди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобидааст.

Дар пешниҳоди 11 яке аз сабабҳои сол то сол паст нагардидани сатҳи ҷиноятҳои коррупсиониро ба номукаммалии бархе аз меъёрҳои қонунгузории зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти шумораи зиёди камбудиҳо ва бархӯрдҳо дар он, имконияти васеи таҳияи қоидаҳои идоравӣ ва маҳаллӣ, муайян намудани салоҳиятҳои васеъ, мавҷуд набудани расмиёти дахлдори маъмурӣ, талаботи аз ҳад зиёд нисбати шахсон барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ донистааст.

Механизми ҳуқуқии танзими мубориза бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла пешгирии коррупсияро дар сурате самаранок донистааст, ки агар аксарияти шаҳрвандон дарк намоянд, ҳар як рафтори хусусияти коррупсионии онҳо амали вайронкунии ҳуқуқи инсон аст.

Муаллиф дар банди 15 пешниҳоди таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми пешгирии умумии иҷтимоии ҷинояткории коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳои дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба таҳкими заминаи иқтисодии давлат, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии маҳал, фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҷомеа, таҳкими ахлоқи шаҳрвандон, кафолати ошкорбаёнӣ ва шаффофияти ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд, зарур шуморидааст.

Муаллиф дар банди 16 хулосаи диссертатсия пешниҳод кардааст, ки яке аз роҳҳои самарабахши пешгирии коррупсия тарбия ва таълими зидди коррупсионӣ мебошад. Пеш аз ҳама, таълими ибтидоии зидди коррупсия ва таълими касбии зидди коррупсия. Коркарди барномаи муассири таълимӣ, ки ба баланд бардоштани фарҳанг ва идеологияи

таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия равона карда шудааст, барои тамоми муассисаҳои таълимӣ, аз синни томактабӣ сар карда зарур аст. Инчунин дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои дигари хабарӣ, аз ҷумла телевизион ва радио фаъолона паҳн намудани барномаҳои зиддикоррупсионӣ бо коршиносон ва таҳлили омилҳои коррупсионӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар ин самт метавон иброз намуд, ки муаллифи таҳқиқоти илмӣ бо дарназардошти нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб меравconfigured, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар баробари комёбиҳои иброзгардида, инчунин дар таҳқиқоти илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зерин метавон манзур намуд:

1. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки муҳаққиқ дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод намудааст, ин паст будани дараҷаи фарҳанги ҳуқуқии баъзе аз гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, аз ҷумла баъзе аз шахсони мансабдори давлатӣ мебошад. Албатта ин пешниҳод асоси воқеӣ дошта, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мебошад. Аммо барои мо равшан нест, ки барои баланд бардоштан ва бартараф намудани фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, бахусус шахсони мансабдори давлатӣ кадом чораҳоро бояд роҳандозӣ намуд. Мехостем диссертант дар ин бора андешаҳои худро зимни ҳимояи ошкори диссертатсия иброз намояд.

2. Аз омӯзиши диссертатсия бармеояд, ки дар байни олимон оид ба мафҳумҳои «коррупсия» ва «ҷиноятҳои коррупсионӣ» андешаҳои гуногун мавҷуданд. Дар ин самт, зарур аст муаллиф фикри иловагии худро роҷеъ ба фарқияти байни ин ду истилоҳот дар ҳимояи ошкорои диссертатсия баён доранд.

3. Муаллиф дар боби 2, зербоби 2.1. яке аз сабаб ва шароити содир гардидани ҷиноятҳои коррупсиониро дар дур шудани аҳолӣ аз мақомот, алалхусус аз идораи амволи давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ маънидод намудааст. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки оё ҳамкориҳои тарафайн бо мақомоти болозикр метавонанд ба манфиати кор бошанд. Мехостем муаллиф ҷавоби мушаххаси ин саволро зимни маърузаи ошкор дар ҳимояи диссертатсия шарҳ диҳанд.

Бояд қайд намоем, ки эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, арзиши илмии онро паст наменамояд, баръакс моҳияти онро пурра ва мустаҳкам менамояд.

Таҳлил ва омӯзиши автореферат ва диссертатсия муайн намуд, ки муҳтавои онҳо ба якдигар мувофиқат менамоянд. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Дар доираи таҳқиқоти анҷомдодашуда, 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонида шудааст, ки ба талаботи мавзуъи фарогирифташуда ва муқаррароти кории илмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор мутобиқат намуда, муҳтавои таҳқиқоти анҷомёфтаро фаро гирифтааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Мазмун ва мантиқи ягонаи дохилии диссертатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки он аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, навгонии илмӣ, пешниҳоду тавсияҳо, мақола ва маърузаҳо, инчунин дигар масъалагузориҳо дар таҳқиқоти илмӣ, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ш.М. ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳукуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи пешбар дар семенари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ карда шуд. Суратмаҷлиси семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №4 аз 23 декабри соли 2022.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Гайратов Тимуршо Мубораккшоевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.08), дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Дар маҷлис аз шумораи 15 нафар мутахассисони дорои дараҷаи илмии дахлдор иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратҷаласаи кафедра таҳти №6 аз 14 январи соли 2023.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Алиев Ф.Ш.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи
тиҷоратӣ ва зидикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Гайратов Т.М.

Котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи
ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҷабборов Ф.Н.

Имзои Алиев Ф.Ш., Гайратов Т.М.
ва Ҷабборов Ф.Н.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.
14.01.2023

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш. Душанбе кӯчаи Деҳотӣ ½, тел.: +992 (37) 234-83-46, Факс. +992 (37) 234-85-46, Email: mail@ddtt.tj: tguk@mail.ru, www.tguk.tj